| *Президент Республики Таджикистан* | *Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон* | *President Republic of Tajikistan* |
| --- | --- | --- |
| *ш. Душанбе* | *№232 - 36* | *14 марти соли 2012* |

**Ба аъзои созмонҳои тоҷикон**
**ва форсизабонони Иёлоти**
**Муттаҳидаи Амрико ва**
**«Комиссиони Наврӯз»**

***Дӯстони азиз,***
***Хонумон ва ҷанобон,***

Бо камоли эҳтиром ва самимият Шумо ва дар симои Шумо тамоми ҳамватанон ва форсизабонони Иёлоти Муттаҳидаи Амрикоро бо ҷашни бостонии Наврӯз ва оғози Соли нави аҷдодӣ табрику шодбош мегӯям ва бароятон амалӣ гардидани ҳамаи орзую ниятҳои неки наврӯзиро таманно менамоям.

Наврӯзи чандҳазорсола, ки суннати волои аҷдодии мост, соли сеюм аст, ки дар гӯшаҳои гуногуни ҷаҳон дар мақоми ҷашни байналмилалӣ таҷлил мегардад. Дар тақдири таърихии ҷашни бузурги Наврӯз ин як саҳифаи наву дурахшонест, ки дар ғанӣ гардонидани он саҳми созмонҳои шумо дар қитъаи Амрико назаррас аст.

Барои мо мояи саодату сарфарозист, ки ҳамакнун ҳавзаи фарҳангии Наврӯз дар олами муосир, аз ҷумла дар минтақаи тамаддуни Ғарб, сол аз сол тавсеа пайдо мекунад. Ин омил гувоҳи он аст, ки имрӯз ҷаҳон беш аз ҳар вақти дигар ба муколамаи тамаддунҳо ва густариши ғояҳову арзишҳои инсонсоз ниёз дорад. Дар ин росто фарҳанги Наврӯз бо шиори башардӯстонаи хеш – «пиндори нек, гуфтори нек, рафтори нек» - соҳиби мавқею манзалати нодире аст.

Дар ин лаҳзаҳои фараҳбахши оғози рӯзҳои тозаву навин ва бедорию сарсабзии табиат ба ҳамаи иштирокдорони маҳфили пуршукӯҳу ҷалоли наврӯзии шумо аз номи мардуми шарифи Тоҷикистон тансиҳатии комил, умри бобаракат, амну осоиш, рӯзгори обод, саодати инсонӣ ва рӯҳи болида орзу менамоям.

Табрикоту шодбошҳои самимии моро ба ҳамаи меҳмонони азизу олиқадри маҳфилҳои дигари наврӯзиатон низ бирасонед.

Наврӯзатон пирӯз бод,
Ҳар рӯзатон Наврӯз бод!

***Бо эҳтиром,***

**Эмомалӣ Раҳмон**
**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон**